«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
__________ Хушвахтзода Қ.Х.
«___30___»__________2020

# Хулосаи
## Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

доир ба диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» ҷиҳати дарёфти дараҷаи доктори фалсафа Ph.D, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа.

Диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич дар кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ ба анҷом расонида шудааст.

Муаллифи диссертатсия хатмкардаи зинаи бакалаврият, магистратура ва докторантураи Ph.D аз рӯйи ихтисоси фалсафа мебошад.

Дар давраи таҳсил дар зинаи докторантураи доктори фалсафа Ph.D (солҳои 2017-2020) диссертатсияи худро дар мавзӯи **“Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ”** ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100-фалсафа ба анҷом расонидааст.

Роҳбари илмӣ: Маҳмадизода Нозим Давлатмурод - номзади илмҳои фалсафа дотсент, декани факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевичро дар мавзӯи «Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ» таҳлилу баррасӣ намуда, дар асоси хулосаи муқарризони расмии таъйиншуда аз ҷониби кафедра хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдоман ва муфассалеро анҷом додааст, ки он дар сатҳи хуби илмӣ таҳия гардидааст.

Бояд қайд кард, ки маънавиёт дар ҳама давру замон чун заминаи пешрафту тараққиёт ва ғояи созанда хизмат кардааст. Аз ин рӯ, зарар

расонидан ба ҳаёти маънавӣ ва бетарафӣ зоҳир кардан ба ин масъала садди роҳи инкишофи ҷамъиятӣ мегардад ва мушкилот низ дар дунбол дорад. Таълимоти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ низ аз ин қабил буда, нафақат хислати иртиҷоӣ доранд, балки сабаби ба бӯҳрони амиқи маънавӣ гирифтор гардидани қишрҳои гуногуни иҷтимоӣ мегарданд. Таҳдиду харобкориҳои маънавии онҳо аз таъсири сиёсиву иҷтимоишон муассиртар аст. Алалхусус, вақте идеологҳои онҳо ба аслҳое такия мекунанд, ки мазмуни ҳақиқии онҳо таҳриф шудааст ва ташхиси дурусти он ба оммаи мардум, махсусан ҷавонони аз дину сиёсат камогоҳ, мушкил мебошад.

Аз ин рӯ кушодани моҳияти таълимоти онҳо ва нишон додани зарари маънавии ин таълимот аз вазифаҳои муҳимми улуми фалсафаи иҷтимоӣ ва фалсафаи сиёсат аст. Ба ҳамин хотир омӯзиши ҳамаҷонибаи ин зуҳуроти хатарнок дар доираи ин кори илмӣ масъалаи калиди мебошад.

Аҳмияти ин мавзӯъ инчунин дар он зоҳир мешавад, ки таҳқиқоти мазкур моҳияти таҳдидҳои маънавӣ аз ҷониби равияҳои тундраву ифротгаро баррасӣ шуда, таъсири номатлуби онҳо ба ҳаёти маънавии кишвар аз лиҳози фалсафӣ таҳлил мегардад, роҳу воситаҳои пешгирии ин таҳдидҳо ва таъмини амнияти ҳаёти маънавии Ҷумҳурӣ илман нишон дода мешавад. Баррасии масъалаи мазкур моҳияти зарарноки ин гурӯҳҳои динӣ-ифротиро боз ҳам равшантар месозад.

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мухталифи таъмини амнияти маънавии ҷомеа, таъсири фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба амнияти маънавии ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳим буда, таҳқиқоти илмии он саривақтӣ ва актуалӣ арзёбӣ карда мешавад. Барои гузаронидани чораҳои пешгирикунанда ва бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм зарур аст, ки нозукиҳои ин падидаи мураккаб ошкор карда шавад.

Ҳамзамон, дар сатҳи баланд рушд намудани маънавиёти ҷомеа метавонад, чун воситаи асосии маҳдуд намудани фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ дар шароити муосир гардад. Ин гурӯҳо баҳри амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ аз воситаҳои мухталиф истифода менамоянд. Пеш аз ҳама, онҳо ба зеҳнияти афроди ҷамъиятӣ таъсири амиқ расонидан мехоҳанд, то амнияти ҷомеа, аз он ҷумла, амнияти маънавии ҷомеа халалдор гардад.

Ба таври умумӣ, ифротгароӣ аз сатҳи рушди фарҳанги маънавии ҷомеа ва шиддатнокии равандҳои иҷтимоиву иқтисодӣ вобаста аст. Дар ҳолати баланд будани сатҳи фарҳанги маънавии ҷомеа ифротгароӣ ва терроризм на танҳо таҳти таъсири мақомоти махсуси ҳифзи ҳуқуқи давлатӣ, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ маҳдуд карда мешавад. Муҳаққиқ дар омода намудани диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии муҳақиқони ватанӣ ва хориҷӣ фаровон истифода намуда, мавқеи хешро оиди масъалаҳои баҳсноки илмӣ дақиқ муайян кардааст. Дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра васеъ истифода намудааст.

Мазмуну моҳият ва муҳтавои тадқиқоти илмӣ, коркардҳои методологии дар кор истифодашуда ва натиҷаҳои бадастовардашуда, махсусан тасаввуротро оид ба омилҳои ташаккули гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ва хатари он дар рушди худшиносӣ, фарҳанг, иқтисод, сиёсат, ҳуқуқ ва пояҳои иҷтимоии давлатдории навини миллати тоҷик, ғанӣ мегардонад. Зеро асосҳои назариявӣ-методологии тадқиқот дар доираи асосҳои консептуалӣ, бо ба инобат гирифтани шарҳи мафҳумҳои ифротгароии динӣ, тундгароӣ, бунёдгароӣ, терроризм, инчунин асоснок кардани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули ин зуҳуротҳои хатарнок, ба танзим дароварда шудааст.

**Навоварӣ дар таҳқиқот:**

Бо баррасии назарҳои мухталифи илмӣ бори аввал таъсири ғоявии равия ва ҳизбҳои динӣ-ифротӣ ва бунёдгаро ба ҳаёти маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифта, ҷиҳатҳои зерини он, ки навоварии рисоларо нишон медиҳанд ва таҳдидҳоро ба амнияти маънавӣ ифода мекунанд пешниҳод карда шудааст:

- мазмун ва мундариҷаи таълимоти ифротгароёни исломӣ мавриди таҳқиқи фалсафӣ, сотсиологӣ ва аксиологӣ қарор гирифта, моҳияти таъсири манфии онҳо ба ҳаёти маънавӣ нишон дода шудааст.

- ба таври илмӣ, воқеӣ таҳдиҳои асосии амнияти маънавии ҷомеа дар шароити имрӯза ба ҷӯз ифротгароёни исломи инчунин заминаҳои коҳиши маънавӣ ва фарҳангӣ ҷомеаи муосир баён шуда қайд гардидааст, ки муҳимтарин заминаи асосии таҳдиди амнияти маънавии ҷомеа сатҳи пасти маънавии қисме аз аҳолии худи ҷомеа аст.

- дар шароити имрӯза яке аз хусусиятҳои ҷаҳони муосир пайдоишу

вусъати фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, ки ба мушкилоту хусусиятҳои ин давраи тараққиёти кишварҳои ҷаҳони ислом алоқаманданд, мебошанд, ки ба он боз сиёсатҳои худхоҳиву бузурги давлатӣ ва рақобати онҳо илова мешавад. Масъалаи мазкур ҳамаҷониба мавриди таҳлили илми қарор гирифта таъсири он ба амнияти маънавии баъзе кишварҳои ҷаҳони ислом аз ҷумла Тоҷикистон баён шудааст.

- роҳҳо ва воситаҳои асосии муқовимат ва пешгирӣ аз таҳдидҳои фаъолияти гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ ба ҳаёти маънавии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор дода шудааст.

- усулҳои муқовимат ва маҳдуд намудани таъсири фаъолияти мухталифи гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ барои таъмини амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик асоснок карда шуда, масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеаи тоҷик мушаххас мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои бадастоварда ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои тадқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафаи иҷтимоӣ, сиёсатшиносӣ, диншиносӣ ҷомеашиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи сиёсат мавриди истифодабарӣ қарор дод.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанни фалсафаи иҷтимоӣ, фалсафаи сиёсат, сотсиологияи диншиносӣ фарҳангшиносӣ низ истифода намудан мумкин аст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

Саидов Д.М. Ифротгароӣ аз нигоҳи илмию динӣ / Саидов Д.М.//. Нақши иниститутҳои сиёсӣ дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ: - Душанбе., 2018.- С.317-323.

Саидов Д.М. Таъмини бехатарии маънавии ҷомеаи Тоҷикистон ҳамчун шарти муқовимат бо фаъолияти ҳаракатҳои муосири ифротии исломӣ / Саидов Д.М.// Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018. - С. 159-163.

Саидов Д.М. Ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ҳамчун объекти таҳлили фалсафӣ / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018.- С.159-164.

Саидов Д.М. Таъсири харобиовари ҷараёнҳои муосири ифротии исломӣ ба ҷомеаи муосир / Саидов Д.М. // Паёми ДМТ.- Душанбе., 2018. С.190-193.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Саидов Далер Муҳибуллоевич** дар мавзӯи **«Таъсири гурӯҳҳои динӣ-ифротии муосир ба бехатарии маънавии ҷомеаи тоҷикистонӣ»** кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба

ихтисоси 6D020100-фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Диссертант вобаста ба мавзӯи диссертатсионӣ 4 мақолаи илмӣ ба табъ расонида аст, ки аз ин шумора сетояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсиадиҳанда нашр гардидаанд ва пурра мазмуни корро инъикос менамоянд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Саидов Далер Муҳибуллоевич ба тариқи зайл сурат гирифт:

тарафдор - 14 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №1 аз 28.08.2020.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа**

**ва фалсафаи иҷтимоии факултети**

**фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиб, н.и.ф., дотсент** **Амонуллоев Б.С.**

**Имзои Ш.Амирхон ва Амонуллоевро**

**Тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**

**махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.**